Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Фархудинов Ҷамшед Исроилович дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз руи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Фархудинов Ҷамшед Исроилович дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ пешниҳод шудааст, бо шиносномаи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз руи он ба Шурой диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, тахти № 16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Диссертатсияи пешниҳоднамудаи муаллиф дар мавзуи марбут ба суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ навишта шудааст, ки яке аз усули маъмул ва ҷараёни самаранок истифода бурдани қитъаҳои заминҳои таъиноти кишоварзиро дар худ ифода мекунад. Проблемаҳое, ки дар таҳкиқот ба миён гузошта шудаанд, мароқи муҳими илмӣ ва аҳаммияти амалӣ доранд. Тазаккур бояд дод, ки рушди истеҳсоли маҳсулотҳои гуногуни хоҷагии халқ ва истифодаи оқилонаву самараноки замин дар шароити имрӯза, пур аз руйдодҳои ногаҳонии табиию техногенӣ қарор дорад, ки зарурияти суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзиро ба миён овардааст.

Дар робита ба рушди босуръати бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ ба муомилоти маданӣ ворид гардидани замин нақши суғуртакунии қитъаҳои заминҳои таъиноти кишоварзӣ ва аҳаммияти танзими ҳуқуқии он ҳамчун воситаи асосии барасмиятдарорӣ дар соҳаи хизматрасониҳои суғуртавӣ баландтар гаштааст.

Дар ин миён механизми танзими ҳуқуқии муносибатҳои вобаста ба хизматрасониҳои суғуртавӣ, хусусан қисмати асосии шартномавии он ба андозаи кофӣ ба вазъи муосири муомилоти мадании хизматрасониҳои суғуртавӣ ҷавобгӯ намебошад.

Айни замон санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки дар самти суғуртакунӣ ва хоҷагидориву истифодабарии заминҳо қабул гардидаву амал карда истодаанд, ки ба пуррагӣ паҳлуҳои суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзиро фаро нагирифтаанд. Бинобар ин, зарурият ба миён омадааст, ки санади меъёрии ҳуқуқии махсус дар ин самт қабул карда шавад. Ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи мазкур тағйиру иловаҳои зарурӣ вобаста ба суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ тағйиру иловаҳои зарурӣ ворид карда шавад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои химоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмӣ, саҳеҳнокӣ, хулоса ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия ифода ёфтаанд, ягон шубҳаро ба вуҷуд намеоранд. Пешниҳод ва нуктаҳои илмии диссертатсия ба таҳқиқоти назариявию объективӣ такя намуда, натиҷагириҳо асосноку боэътимод буда, ба мулоҳиза ва хулосабарориҳои муаллиф асос ёфтаанд. Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии Фархудинов Ҷамшед Исроилович дар он аст, ки он аввалин рисолаи маҷмуавии илмӣ оид ба суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ буда, муаллиф бо дарназардошти ҷараёнҳои таърихӣ, рушди қонунгузории миллий дар самти суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ, ки падидаи мазкурро дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ба риштаи таҳлил кашидааст.

Гузашта аз ин, таҳқиқбаранда вазифаҳои гузоштаи худро дар самти таҳқиқоти диссертатсионии мазкур тавассути нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳоднамудааш пурра инъикос намуда, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои худ аз сарчашмаҳои ҳуқуқию қонунгузории миллӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба танзими муносибатҳои суғуртаи заминҳои таъиноти кшоварзӣ, ки онҳо дар маҷмуъ навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос намудаанд.

Пешниҳодҳо, хулоса ва нуқтаҳои асосии барои ҳимоя тавсияшудаи таҳқиқот аз он иборат аст, ки падидаи мазкур аввалин таҳқиқотест, ки дар баррасии масоили суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ шаҳодат медиҳад. Нововарии диссерататсия низ аз он иборат мебошад, ки муаллиф оид ба таҳаввулот ва нақши суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ аҳаммияти он дар замони муосир таҷдиди назар кардааст.

**Асоснок ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Нуқтаҳои илмии рисола, натиҷаҳои муаллиф, ки ба таври амиқ дар ҳар як зербоб тахдил шудаанд саҳми шахсии муаллифро дар эҷоди рисола гувоҳӣ медиханд. Муҳимтарин нуқтахои рисола аз ҷониби муаллиф дар шакли мақолаҳои илмӣ, баромад ва маъруза дар конференсияхри илмӣ ва амалии сатҳи ҷумхуриявӣ, байналмилалӣ ва семинархои илмӣ-назариявӣ пешкаши аҳли илм ва чомеа гардидааст.

Диссертатсияи Фархудинов Ҷамшед аз феҳристи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад, ки дар он мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, сатҳи омӯзиш, мақсад, вазифаи таҳкиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот ва нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия баён карда шудааст.

Боби якуми диссертатсия “Моҳият ва хусусиятҳои умумии суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ” ном дошта аз ду зербоб иборат аст. Зербоби

якуми боби якум “Нақши институти суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар рушди иқтисодиёт” ном дошта, муаллиф бо такя ба ҳисоботҳои омории мақомотҳои назорати давлатӣ, қайд мекунад, ки фазои корӣ ва рушди босуръати фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши кишоварзии кишвар муносибати сифатан навро касб кардааст. Дар ин самт, барномаҳои давлатӣ, консепсияҳо, нақша чорабиниҳо, сабукиҳои андози ва як қатор имтиёзҳо ба мақсади рушди фазои сармоягузориҳо дар соҳаи кишоварзӣ қабул гардиданд.

Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар зербоби мазкур аз ҷониби муаллифи диссертатсия чунин андеша пешниҳод мегардад, ки ҷиҳати ҷалби бештари сармоягузориҳо дар бахши кишоварзӣ ва рушди институти суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар баробари ҷорӣ намудани механизми суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ, ҳамзамон маҳзани ягонаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ такмил дода шавад. Ҳамзамон, муаллиф қайд мекунад, ки хоҷагидорон дар бештар маврид, ҳосили дилхоҳе, ки аз қитъаи замин дар назар доранд, бо як қатор омилҳо гирифта наметавонанд. Диссертант ин омилҳоро ба объективӣ ва субъективӣ тасниф кардааст. (Саҳ 24-25)

Зербоби дуюми боби якум “Марҳилаҳои инкишофи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ном дорад, ки дар доираи он аз ҷониби диссертант масоили таърихии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти суғуртакунӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф дар ин зербоб фикру андешаҳои олимону муҳақиқонро дар хусуси рушди низоми қонунгузории суғуртавӣ таҳлил намуда чунин хулосабарори мекунад, ки институти мазкур 3 марҳилаи таърихиро аз сар гузаронидааст: рушди муносибатҳои ҳуқуқии суғуртавӣ дар аҳди қадим; рушди муносибатҳои ҳуқуқии суғуртавӣ дар давраи шуравӣ; рушди муносибатҳои ҳуқуқии суғуртавӣ дар давраи истиқлолият. (Саҳ. 43).

Боби дуюми диссертатсия – “Тавсифи ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ” ном дошта аз се зербоб иборат мебошад.

Зербоби якуми боби дуюм “Мафҳум, хусусият ва шартҳои шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ” ном гирифтааст. Дар доираи таҳқиқоти зербоби мазкур муаллиф се масъаларо, яъне мафҳуми муносибатҳои суғуртавӣ, хусусиятҳои ин муносибатҳо ва шартҳои шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзиро мавриди таҳлил қарор додааст. Диссертант фикру андешаҳои олимону муҳақиқони ватаниву хориҷиро оид ба мафҳуми суғурта мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода, чунин хулоса мекунад, ки мафҳуми суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ он муносибатҳои ҳуқуқиро дар бар мегирад, ки байни суғурткунанда ва суғурташаванда пайдо шуда, мақсади ниҳояш ин эмин нигоҳ доштани қабати ҳосилхезгардонии замин, риояи дурусти пеш бурдани корҳои агротехникӣ, гирифтани ҳосили дилхоҳ ва барқарор кардани зарарро, ки дар натиҷаи ба ҳолатҳои фавқуллода, ҳодисаҳои табиӣ ё таъсири шахсони сеюм ба миён омадааст (Саҳ. 61).

Муаллиф хусусиятҳои шарнтномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзиро ба риштаи таҳлил кашида, таъкид менамояд, ки хусусиятҳои шартномаи суғурта нисбатан васеъ буда аз шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ ба кули тафовут дорад. Гузашта аз ин хусусиятҳои шартномаро ба гурӯҳҳои муайян ҷудо кардааст. Ҳамзамон муаллиф таъкид менамояд, ки дар аксарияти кишварҳои хориҷӣ дар баробари суғурткунанда ва суғурташаванда иштироки давлат низ дар муносибатҳои суғуртавӣ дар самти кишоварзӣ муҳим арзёбӣ меградад. Бинобар ин, дар асоси таҳлил хулосаи №2 бароварда шудааст (Саҳ. 64).

Шартҳои шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзиро низ ҳамаҷониба мавриди таҳлил қарор дода дар натиҷа онҳоро ба умумӣ ва махсус ҷудо мекунад (Саҳ.71).

Дар зербоби дуюми боби дуюм “Манфиати молумулкӣ ҳамчун объекти шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ” диссертант қайд намудааст, ки шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ яке аз намудҳои шартномаи суғурта ба шумор рафта, хизматрасониҳоро оид ба

ҳифзу эмин нигоҳ доштани ҳолати мелиоративии заминҳои таъиноти кишоварзӣ, ҳосилхезгардонии қабати болои хок, фарҳанги баланди истифодабарии замин, таъмин намудани бозори дохил ва хориҷ бо маҳсулотҳои аз лиҳози экологӣ тоза, таъмин намудан ба ҷойҳои кории доимӣ ва дигар масъалаҳои муҳимро, ки ҳадафи асосиаш таъмини амнияти озуқаворӣ мебошад, равона шудааст. Дар идомаи таҳлил диссертатнт фикру андешаи худро роҷеъ ба мафҳуми предмет ва объекти шартнома қайд намуда хулосаҳои асоснок мебарорад.

Дар зербоби сеюми боби дуюм – "Иштирокчиёни шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ" ном гирифтааст. Дар ин зербоб, муаллиф субъектҳои муносибатҳои суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзиро мавриди таҳлил қарор дода, нақши ҳар яке аз онҳоро дар танзими ин муносибатҳо муҳим арзёбӣ кардааст. Муаллиф ба ҳайси субъектони муносибатҳои суғуртавӣ, суғуртакунанда, суғурташаванда, фоидагиранда, агентҳои суғуртавӣ, брокерҳои суғуртавӣ, сюрвейер, адҷастерҳо ва ғайраҳо дохил мешавад, ки дар натиҷа онҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо кардааст: ба андешаи муаллиф ба гурӯҳи якум ҳамон гурӯҳе ҳисоб меёбад, ки қадамҳои аввалро ба бастани шартнома мегузорад. Ба гурӯҳи дуюм бошад, ҳамон гурӯҳе ҳисоб меёбанд, ки шартномаи басташудаи гурӯҳи якумро мукаммал намуда идома медиҳад.

Боби сеюми диссертатсия – "Бастан, тағйир додан ва қатъ кардани шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ" ном дошта, аз ду зербоб иборат аст.

Зербоби якуми боби сеюм - "Тартиби бастан, тағйир додан ва қатъ кардани шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ" ном дошта, дар он паҳлуҳои анҷомёбии муносибатҳои суғуртавӣ ифода ёфтааст. Дар ин зербоб муаллиф асосҳои гуногуни тағйирёбии муносибатҳо ё қатъ гаштани ин муносибатҳои суғуртавиро дарҷ кардааст.

Яке аз сабабҳои қатъ гаштани муносибатҳои суғуртавиро муаллиф дар аз байн рафтани хавф мебинад. Зеро заминаи ба миён омадани ҳамагуна

муносибатҳои суғуртавиро маҳз хавф ташкил медиҳад. Аммо боз дар идома ҳангоми таҳлили масъалаи мазкур фикру андешаҳои олимонро таҳлил намуда қайд менамояд, ки асоси ба вуҷуд омадани муносибатҳои суғуртавӣ на ин ки хавфи суғуртавӣ, балки манфиат ба шумор меравад. Яъне дар ин самт асоси ба вуҷуд омадани муносибатҳои суғуртавӣ ё қатъ гаштани ин муносибатҳо аслан аз нигоҳи ҷонибҳои шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ баҳогузорӣ карда шудааст.

Зербоби дуюми боби сеюм – "Қатъ гардидани шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ бинобар вайрон кардани шартҳои он" ном дорад, ки дар доираи он аз ҷониби диссертант масоили қатъ гардидани муносибатҳои суғуртавиро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

Муаллиф қайд менамояд, ки масъалаҳои қатъ гардидани муносибатҳои суғуртавӣ ҳам дар санадҳои қонунгузорӣ ва ҳам дар шартнома ба таври шафоф ифода ёфтааст.

Қонунгузори ду ҳолати тағйир додан ва бекор кардани шартномаро ба тариқи судӣ муқаррар кардааст:

- ҳангоми шартномаро ба таври ҷиддӣ вайрон кардани тарафи дигар;

- дар ҳолатҳои дигари пешбининамудаи КМҶТ, қонунҳои дигар ё шартнома.

Сабабу омилҳои қатъ гардидани муносибатҳои суғуртавӣ гуногун мебошад. Муаллиф яке аз сабабҳои қатъ гаштани муносибатҳои суғуртавиро дар тағйир ёфтани дараҷаи хавф мебинад. Яъне агар суғурташаванда аз марҳилаҳои ба миён омадани ҳолатҳои суғуртавӣ бохабар бошад, вале суғуртакунандаро ба таври хаттӣ огоҳ накунад, дар ин маврид суғуртакунанда ҳуқуқ пайдо мекунад, ки аз пардохтҳои суғуртавӣ саркашӣ намояд.

Гузашта аз ин, агар суғурташаванда аз тағйир ёфтани хавфи суғуртавӣ огоҳ бошад, вале суғуртакунандаро огоҳ накунад, пас дар ин маврид низ суғуртакунанда ҳуқуқ пайдо мекунад, ки аз пардохтҳои суғуртавӣ даст кашад.

Ҳамзамон, натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф ҳамчун воситаи баланд бардоштани сатҳи омодасозии мутахасисон дар самти суғуртакуии заминҳои таъиноти кишоварзӣ  дар ин соҳа баромад карда, дар оянда мумкин аст, дар татбиқи барномаҳои давлатӣ оид ба такмили сохтор ва барномаҳои муассисаҳои таҳсилотӣ ва донишҳои ҳуқуқии шаҳрвандон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда шаванд.

Гузашта аз ин, муаллиф дар робита ба рисола автореферат тибқи талаботи муқарраргардида таҳия кардааст, ки онҳо байни ҳам мутобиқати дохилию мантиқӣ доранд.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ -** Таҳқиқоти диссертатсионии Фархудинов Ҷамшед Исроилович дороӣ аҳаммияти муҳимми назариявию илмӣ ва амалӣ мебошад. Аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия пеш аз ҳама дар он аст, ки андешаҳои муаллиф фаҳмиши илмии мафҳуми суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ мукаммал гардонида, барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт ҳамчун сарчашма хизмат менамояд. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмии анҷомдодаи муаллиф имкон медиҳанд, ки роҳҳои асосии ташаккулёбии инкишофи қонунгузории замин ва рушди муносибатҳои суғуртавӣ дар ин самт дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд муайян карда шаванд.

Нуқтаҳо ва тавсияҳое, ки муаллиф дар диссертатсия баён намудааст, метавонанд дар таҳияи барномаҳои таълимӣ, стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, дар раванди таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ, таълим дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиққунӣ, баланд бардоштани сифати таҳсилоти ҳуқуқӣ дар шароити гузариш ба низоми бисёрзинагии омода намудани мутахассисони ҳуқуқшинос истифода шаванд.

Ҳамзамон, натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф ҳамчун воситаи баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии шаҳрвандон ва мақомоти судӣ, самаранокии ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиққунӣ баромад карда, дар оянда мумкин аст дар татбиқи барномаҳои давлатӣ оид ба маърифати ҳуқуқӣ ва

донишхои ҳуқуқии шаҳрвандон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда шаванд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ** - Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 8 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 6 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Зикр намудан ба маврид аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Эродҳо ба диссертатсия** - Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия ҷойдошта, дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ва ҳалталаб низ ҷой доранд, аз ҷумла, дар баробари ин баъзе баёнияҳои матни рисола ва хулосаҳое, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, баҳснокáнд ва ё асосноккунии иловагиро талаб мекунанд. Дар ин бобат инҳоро қайд кардан лозим аст.

1. Муаллиф қайд мекунад, ки тарифҳои хизматрасониҳои суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ бояд, ҳатман аз мавқеъӣ ҷойгиршавии қитъаи замин, таркиби хок, ҳосилнокии он ва дигар хусусиятҳои муҳими қитъаи замин омода ва таҳия карда шавад. Алббата чунин аст, вале ногуфта намонад, ки агар мо чунин имкониятро танҳо ба салоҳияти суғуртакунандаҳо вогузор намоем, пас дар ин маврид, суғуртакунандаҳо метавонанд, ки аз доираи ваколатҳояшон берун баромада нисбатан тарифҳои хизматрасониро баланд, ҳисоб намоянд. Бинобар, ин зарур аст, ки дар ин маврид муаллиф қайд мекард, ки тарифҳои хизматрасонии қитъаҳои заминҳои таъиноти кишоварзӣ вобаста мавқеъӣ ҷойгиршавии қитъаи замин, таркиби хок, ҳосилнокии он ва дигар хусусиятҳои муҳими дар якҷоягӣ бо мақомоти ваколатдори давлатӣ таҳия карда шавад.

2. Муаллиф қайд менамояд, ки аз сабабе, ки муносибатҳои суғуртавӣ дар соҳаи кишоварзӣ аз мавсимҳои корӣ иборат мебошад, пас муҳлати амали шартнома низ дар доираи мавсими кори баста шавад. Банди мазкур нисбатан

баҳснок буда, хавфи сар задани ҳодисаҳои суғуртавӣ на танҳо дар давраи мавсимӣ корӣ ба миён омаданаш мумкин аст, балки минтақаҳое мавҷуд аст, ки ҳар лаҳза метавонад, ки ба замин ё зироати киштшуда таъсири худро расонад. Бинобар, ин зарур аст, шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар доираи мавсимӣ корӣ маҳдуд карда нашавад.

3. Диссертант қайд менамояд, ки бо мақсади расидан ба ҳадафҳои дахлдор бояд суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар ҳамаи марҳилаҳои корҳои хоҷагиҳои кишоварзӣ (яъне шуруъ аз мавсими кор (коркарди заминҳо, шаклдарории дарахту буттаҳо, маҳфуз нигоҳ доштани ҳолати мелиоративии қитъаи замин ва ғ., то марҳилаи ҳосилғундорӣ ё як марҳилаи муайян вобаста ба ҳодисаҳои табиӣ ва мавсими сар задани он) дар қонунгузории соҳавӣ пешбинӣ карда шавад. Банди мазкур ба ном ва мазмуни рисолаи мазкур чандон наздики надорад. Зеро рисолаи мазкур танҳо масъалаҳои суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ бахшида шудааст. На ба мавсими кор, шаклдарории дарахту буттаҳо ё марҳилаи ҳосилғундорӣ

Эродҳое, ки дар боло қайд шуданд, дар умум ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хело муҳим буда, мураккаб ва баҳсноканд ва муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омузиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиёти соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуктаҳои муаллифии худро пешниҳод намудааст, ки он хоси гузаронидани чунин таҳқиқоти илмӣ мебошад.

Мазмуни диссертатсия шаҳодати кофӣ будани пуррагии баёни мазмун ва навгонии илмӣ доштани онро медиҳад. Муаллиф аз натиҷагириҳо хулосаҳои худро ифода намудааст, ки он метавонад барои рушди илми муосири ҳуқуқи маданӣ саҳми сазовори худро гузорад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия** - ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Диссертатсияи Фархудинов Ҷамшед Исроилович ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Хукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

**Хулоса дар бораи мутобиқати диссертатсия ба талаботи муқарраргарида.** Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорой мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Фарҳудинов Ҷмшед Исроилович дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 қабул гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

Тақриз дар асоси муқаррароти мавҷуда, хусусан банди 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 қабул шудааст, таҳия ва манзур гардидааст.

**Муқарризи расмӣ:**
Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ
ва ҳуқуқшиносии муқоисавии
Донишгоҳи Славянии Русия ва Тоҷикистон Аминова Ф.М.

Имзои “Аминова Ф.М.”-ро тасдиқ менамоям.
Сардори Раёсати кадрҳои Донишгоҳи
(Славянии) Россия ва Тоҷикистон Рахимов А.А.

Аминова Фарида Махмадаминовна
**Суроға:** 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи М.Турсунзода, 30
Тел.: (+992) 2273986
E-mail: farida.aminova.2016@mail.ru

«11» 05 **2024 г.**